# ҚАРОРИ

**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-035 барои ҳимояи диссертатсияҳо оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, ки дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон амал мекунад, ба таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович дар мавзӯи «Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924 – 1991)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) (протоколи № 20 аз 8 декабри соли 2022)**

Таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифовичро дар мавзӯи «**Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924 – 1991)**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) (роҳбари илмӣ – номзади илмҳои таърих, дотсент Абдураҳмонов З.В.) муҳокима намуда, тақризи ташкилоти тақриздиҳанда – Донишгоҳи Давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, тақриз ва баромадҳои муқарризони расмӣ: доктори илмҳои таърих, профессор Ҳомидзода Ф.М. ва номзади илмҳои таърих Ганҷакова М.Г., муқарризони ғайрирасмӣ (Р. Абулҳаев, Н.Б. Ҳотамов, М.Х. Маликов, Ф. Абдурашитов) ва хулосае, ки Шӯрои диссертатсионӣ қабул кардааст, шунида, инчунин натиҷаи овоздиҳии пинҳониро ба инобат гирифта, Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-035

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1.Таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович дар мавзӯи «**Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924 – 1991)**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) ба талаботи пешниҳоднамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ё доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос мувофиқи бандҳои 31, 33, 34, 35, 37 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ дониста шавад.

2. Интишороти диссертант мазмуни асосии диссертатсияро комилан инъикос мекунанд.

3. Ба Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ба Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович додани дипломи номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) дархост карда шавад.

**Раиси**
**Шӯрои диссертатсионӣ,**
**д.и.т., профессор** **А. Саидов**

**Котиби Шӯрои**
**диссертатсионӣ,**
**д.и.т., профессор** **А. Раҷабов**

**08.12.2022**